**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ ба масоили мубрами илми назарияи ҳуқуқшиносӣ ва хосатан илми ҳуқуқи инсон равона гардида, барои пойдор намудани ғояҳои заминавии институтсионалӣ роҷеъ ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии инсон метавонад заминаи воқеиро ба вуҷуд оварад. Мазмун ва моҳияти муқаррароти қонунгузорӣ,

доктринаи ҳуқуқӣ, санадҳои байналмилалӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ дар маҷмуъ ба матраҳ намудани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон бахшида шудааст, ки ҳолати мазкур гувоҳи аз мубрамияти таҳлил ва омӯзиши самти таҳқиқшавандаро дар сатҳи диссертатсия асоснок менамояд.

Яке аз махсусияти тафовутдоштаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки сабки нави таҳқикро дар доираи мавзуи мазкур ифодагар аст ин ба таври маҷмуӣ ва низомнок омӯхтани ташаккул ва рушди таърихии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳадафи мушаххас сохтани вазъи ҳуқуқӣ, вижагиҳои амалишавӣ, ҷанбаҳои такмилталаби низоми кунунии ин категорияи ҳуқуқҳо асоснок карда мешавад.

Зарурати омӯзиши масири таҳаввули таърихӣ ва шароити кунунии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ аз он бармеояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ, ки дар моддаи якуми Конститутсияи кишвар омадааст, барои андешидани маҷмуи тадбирҳо барои пешгирӣ, рафъ ё кам кардани оқибатҳои манфии хатарҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, мутобиқ кардани шахс ё оилаи ӯ ба шароити нави ҳаёт муваззаф аст. Дараҷаи ҳифзи иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ дар давлат аз он вобаста аст, ки механизми таъмини ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар қонунгузорӣ то чӣ андоза возеҳу мушаххас мунъакис шудааст ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи дахлдор то кадом андоза самаранок мебошад.

Натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф барои рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ инчунин ҳуқуқи инсон метавонад нақши бунёдӣ дошта бошад. Дар умум, пешниҳод ва натиҷаҳои илмие, ки муаллиф дастёб гардидааст метавонад барои ҷоннок гардани механизми баамалбарории таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии инсон, ташаккул додани низоми қонунгузории кафолатдиҳандаи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон, пайдоиши ҷараёни нави таҳқиқоти илмӣ оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон аҳаммияти муҳимро касб менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсия дар мавзӯи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» бо пешниҳоди натиҷаҳои нави илмӣ аҳаммияти хос дорад. Яке аз навгониҳои асосӣ дар он аст, ки барои бори аввал таҳлили ҳамаҷонибаи таърихии таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон аз замони истиқлол то имрӯз бо дарназардошти шароити хоси иҷтимоию сиёсии кишвар анҷом дода шудааст.

Диссертатсия хусусиятҳои рушди қонунгузории миллӣ, аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои марбута ба ҳифзи ҳуқуқи иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар муқоиса бо меъёрҳои байналмилалӣ, ба мисли Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва паймонҳои байналмилалӣ, баррасӣ мекунад. Навгонии дигар дар омӯзиши таъсири барномаҳои миллии рушд, ба мисли Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030, ба беҳбуди вазъи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ аст.

Таҳқиқот инчунин холигоҳҳои қонунгузориро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян карда, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод мекунад. Ин хусусиятҳо ба навгонии амалии таҳқиқот мусоидат мекунанд, зеро тавсияҳои пешниҳодшуда барои такмили низоми ҳуқуқии Тоҷикистон истифода шуда метавонанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар натиҷаи таҳлилу омӯзиш ва маълумоти мушаххас оид ба ҳуқуқу оҳзодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон, теъдоди муайяни маводи илмӣ ва мақолаҳо собит карда шудаанд. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд. Яъне натиҷаҳои илмии дар доираи таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ пешниҳодгардида, асоснок ва аз нигоҳи мантиқӣ пайдарҳам мебошанд. Диссертант маҷмӯи назарияҳоро оид ба

таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон таҳлил намуда, таҳқиқоти диссертатсионии худро ҳамчун воситаи ҳалли мушкилот дар ин самт арзёбӣ менамояд. Дар баробари ин, рисоланавис вобаста ба доираи мавзуи таҳқиқоти анҷомдодааш сарчашмаҳои гуногуни илмиро истифода бурдааст. Дар ин замина, чунин изҳор намудан мумкин аст, ки муаллиф мавзуи мазкурро ҳамаҷониба ва бо дарназардошти давраҳои гуногуни таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи **«Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон»,** тавассути Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, инчунин эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ (таҳлили диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ – функсионалӣ, шаклӣ – мантиқӣ, системавӣ) ва махсус (муқоисавию ҳуқуқӣ ва усули тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ), таҳлили қонунгузории миллӣ ва кишварҳои пасошӯравӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар масъалаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон инъикос менамоянд, асоснок мегардад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва услубу мантиқи таҳқиқот асос ёфтанд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ ва таърихи таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ»** ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум «Мафҳум, вижагиҳо ва сохтори ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон» мавриди

таҳқиқ қарор гирифтааст. Таҳлили мазмун, моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ имкон медиҳад ба чунин натиҷагирӣ бирасем, ки онҳо маҷмуӣ ва тасодуфӣ нестанд, балки як гурӯҳи махсуси ба ҳам алоқаманди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд. Ин ҳуқуқҳо ба консепсияи давлати иҷтимоӣ, ки ба фаъолияти инсон дар соҳаи иқтисодӣ марбутанд, ба муносибатҳои иҷтимоии он бо ҷомеа, давлат, одамони дигар алоқаманд буда, ба рушди маънавии инсон мусоидат намуда, иштироки ӯро дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа таъмин мекунанд.

Дар зербоби дуюми боби якум масоили **«Ташаккул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сарзаминҳои таърихии тоҷикон»** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки масъалаҳои хусусияти институтсионалидошта вобаста ба «Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ», «Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ», «Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва вазъи амалисозии онҳо дар Тоҷикистони шуравӣ» мавриди таҳқиқи самтнок қарор гирифтааст.

**Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ.** Диссертант дар ин қисмати кор ба ин натиҷа мерасад, ки ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аз ҷойгоҳ ва мавқеи хос бархӯрдор буда, ҷанбаҳои алоҳидаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаҳои он давра, ба монанди таъминоти иҷтимоии оила ва занону кӯдакон, фаъолияти меҳнатӣ, музди меҳнат, таҳсил ва ғайраро танзим мекардааст. Аз ҷумлаи муҳтавои сарчашмаҳои ҳуқуқи авастоӣ, ки метавонанд ин ё он андоза ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ марбут бошанд, андешаҳо дар бораи интихоби касб (ҳуқуқ ба интихоби соҳаи фаъолият), меҳнат (ҳуқуқ ба меҳнат), ҳимояи занон,

занони ҳомила, кӯдакон (ҳуқуқ ба нигоҳубини кӯдак), манзили истиқоматӣ (ҳуқуқ ба манзил), ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ (ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ), муҳити солими зист (ҳуқуқ ба муҳити солими атроф) ҳастанд, ки дар рисола бо овардани порчаҳои марбут аз сарчашмаҳои дини зардуштӣ исбот карда шудаанд.

Зикр мегардад, ки дар тафовут аз низоми ҳуқуқии динҳои сершумор дини зардуштӣ новобаста аз муносибати ҳуқуқӣ ва иҷтимоии зану мард, яъне ташкили оила кардан ё накардани онҳо, дар сурати ҳомиладорӣ мардро мувазэаф мекунад, ки то таваллуди кӯдак занро нигоҳубин кунад. Муаллиф хулоса мекунад, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аввалин заминаҳои ҳуқуқии таъминоти иҷтимоии баъзе аз қишрҳои аз назари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ осебпазири ҷомеа, ба монанди занони ҳомила, заноне, ки таваллуд кардаанд, кӯдаконе, ки берун аз никоҳи падару модар таваллуд шудаанд, ба таври мушаххас фароҳам оварда шудааст.

**Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ.** Муаллифи диссертатсия ба ин фикр аст, ки ба таври куллӣ тамоми давраи амали ҳуқуқи исломӣ дар Мовароуннаҳрро, ки аз ҳуҷуми аввали арабҳо дар соли 673 оғоз мешавад ва то барҳам хӯрдани Аморати Бухоро давом меёбад, ба назар бигирем, қонуниятҳои мушаххаси ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро метавонем шиносоӣ кунем. Агар мафҳум ва мундариҷаи ҳуқуқи иҷтимоиву иқтисодии муосирро, ки пеш аз ҳама, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба муҳити солими атроф ва монанди инҳоро дар бар мегирад, ба назар бигирем, Қуръон ва ҳадисҳои паёмбари ислом дар ин мавридҳо ишораҳои андаке доранд.

Аз миёни ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар сарчашмаҳои исломӣ фақат дар мавриди тиҷорат ва мерос андешаҳои ҳуқуқӣ баён карда шудаанд. Масалан, Қуръон дар оятҳои 11-12 ва 176-и сураи «Нисо» тартиб ва қоидаҳои меросбариро муайян намудааст.

**Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва вазъи амалисозии онҳо дар Тоҷикистони шуравӣ.** Ба андешаи унвонҷӯ, вазъи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар даврони шуравиро дастикам ба ду давра – то ва баъди миёнаҳои солҳои 50-ум ҷудо намуда, онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намудааст. Чунки сатҳи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандони шуравӣ дар давраи аввал ниҳоят паст буда, ин ҳолат ба омилҳои объективӣ, масалан, ҳолати низомии ИҶШС ва субъективӣ, ки бештар аз идеологияи коммунистӣ зуҳур мекарданд, вобастагӣ дошт. Аз соли 1956 бо қабули санадҳои мухталиф аз як тараф эътирофи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандони шуравӣ, махсусан деҳқонони колхозӣ ба сатҳи тоза расид ва аз тарафи дигар кафолату таъмини давлатии онҳо пурзӯр карда шуд. Бо ин вуҷуд, танҳо бо қабули Конститутсияи ИҶШС дар соли 1977 тамоми қишри коркунони колхозӣ аз рӯйи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба синфи коргар комилан баробар карда шуданд. Метавон гуфт, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ИҶШС баъди қабули ин Конститутсия аз назари муҳтаво ва мундариҷа ба санадҳои имрӯза шабоҳати бисёр наздик доштанд.

Дар зербоби сеюми боби якум масъалаи «**Таърихи байналмилалии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ»** мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба андешаи диссертант, ғояҳои ҳуқуқ, ки дар давраи Эҳё (асрҳои XVII-XVIII) ба вуҷуд омадаанд ва аз ҷумла дар андешаҳои Ҷон Локк ва Жан-Жак Руссо ифода ёфтаанд, ба рушди ҳуқуқи инсон таъсири амиқ гузоштаанд. Аммо ин ақидаҳо конститутсионализм

ҳисобида мешуданд ва дар навбати аввал ба масъалаи истифодаи аз ҳад зиёди ваколатҳои давлатӣ дахл доштанд.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ хатти оғози амалисозии ҳуқуқҳои ичтимоиву иқтисодӣ таъсиси Созмони Байналмилалии Меҳнат буд, ки ҳадафи он пешбурди ҳуқуқи коргарон, кафолат додани «шароитҳои одилона ва инсондӯстонаи меҳнат» пешбинӣ гардид. СБМ стандартҳои ҳадди ақалро оид ба доираи васеи масъалаҳо, аз қабили вақти корӣ, ҳуқуқи ташкили иттифоқҳои касаба, меҳнати маҷбурӣ, синни ҳадди ақали меҳнатӣ, истироҳати ҳарҳафтаина, муҳофизат аз беморӣ ва суғуртаи ҳолатҳои нохуш қабул кардааст, ки акнун ҳамчун ҳуқуқҳои иқтисодиву ичтимоӣ шинохта мешаванд.

Боби дувуми диссертатсия **«Асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву ичтимоии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз панҷ зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби дуюм ба масоили «Асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву ичтимоии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Диссертант таъкид менамояд, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву ичтимоиро, ки дар Конститутсияи кишвар дарҷ ёфтаанд, ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Зикр мегардад, ки бештарини ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву ичтимоӣ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудаанд, фақат дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шарҳу тафсир ёфтаанд. Ин ҳолат то андозае ба амалӣ кардани онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аз тарафи дигар, баъзе ҳуқуқу озодиҳои ичтимоӣ ва иқтисодӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан дарҷ нашудаанд, ки аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Зербоби дувуми боби дувум **«Кафолати ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву ичтимоии инсон дар қонунгузории Тоҷикистон»** ном дорад.

Дар зербоби мазкур асосан кафолатҳои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро ба якчанд гурӯҳҳои алоҳида таснифбандӣ карда шудааст, ки мазмуни хоси худро доранд, вале онҳоро мақсади ягона – ҳамаҷониба таъмин намудани имконияти қонеъ гардонидани манфиати шахс ба гирифтани маҷмӯи неъматҳои моддӣ ва ё чораҳои ғайримоддӣ барои пешгирӣ, бартараф ё кам кардани таъсири манфии хатарҳои иҷтимоӣ, мутобиқ шудан ба шароити нави зиндагӣ муттаҳид мекунад.

Зербоби сеюми боби дувум ба масъалаи **«Ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ»** бахшида шудааст.

Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад, ки аз лаҳзаи таваллуд ба ӯ тааллуқ дорад. Татбиқи дурусти ҳуқуқи субъективии дахлдор шарти нигоҳ доштани адолати иҷтимоӣ, суботи иқтисодӣ ва мувозинати сиёсӣ дар давлат мебошад. Дар шароити рушди имрӯзаи Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ таҳким ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки вазифаи асосии давлат мебошад, ҳифзи дурусти ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ кафолати муҳимми он аст ва аз ин рӯ, дар рӯйхати ҳадафҳои сиёсати давлатӣ ҳамчун яке аз авзалиятҳо баромад мекунад.

Ҳамзамон, диссертант мавқеи худро иброз менамояд, ки дар шароити муосир ҳифзи дастаҷамъии ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ танҳо дар сурати мурочиат ба мақомоти салоҳиятдор метавонад самаранок бошад.

Зербоби чаҳоруми боби дуюми диссертатсия **«Ҳифзи судии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ: таҳлили қарорҳои вобастаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**-ро баррасӣ мекунад. Муаллиф дар ин бахши кор се қарори Суди конститутсионии

Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бевосита ба ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон – ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ марбут буда, баъзе аз мушкилоти ҳуқуқии қонунгузории ҷории соҳаро ошкор мекунад, баррасӣ карда, аз як тараф мушкилот ва норасоиҳои низоми қонунгузории кишварро дар робита ба ҳуқуқҳои марбута ва аз тарафи дигар, нақши Суди конститутсионӣ дар ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва боло бурдани сифати қонунҳои миллиро баррасӣ кардааст.

Зербоби панҷуми боби дувум **«Асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар қонунгузории Тоҷикистон»** ном гирифтааст. Муқаррар кардани принсипҳо ва асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар навбати худ ҳамчун механизмҳои ҳифзи онҳо баромад мекунад. Аз ин рӯ, давлат ҳамчун кафили асосии ҳуқуқи инсон дар сатҳи конститутсионӣ, имкони маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар менамояд, ки тартиби ҳуқуқии алоҳида ва асосҳои татбиқи чунин маҳдудсозиро пешбинӣ мекунад.

Дар хулоса диссертант натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки натиҷаи он метавонад барои боз ҳам такон бахшидани заминаҳои илмӣ-назариявӣ ва қонунгузории самти таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон мусоидат менамоянд. Натиҷаи кор, хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби диссертант манзур гардидаанд, бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ғояҳои илман асосноки олимони дохиливу хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ ҳам аз лиҳози илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мубрам ба шумор меравад.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ аҳаммияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Зеро, ки хулосаҳо ва пешниҳоду натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонад барои рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон, ҳамзамон ҷиҳати ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудбудаи самти мазкур, мусоидат намояд.

Натиҷаи таҳқиқоти бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон мавриди истифода қарор гирад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат, ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро истифода намуд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳои ватанӣ ба нашр расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи номзадии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Диссертатсияи мазкур фарогири масъалаҳое мебошад, ки

барои рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 54 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлоӣ, грамматикӣ ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Диссертант дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда нисбат ба муҳиммияти ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо тобиши муқарраротҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳовобаста аз мушаххаснамоии моҳият ва муҳиммияти таъмини ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд тибқи муқарраротҳои конститутсионӣ аз ҷониби муаллиф хуб мебуд ҳамбастагӣ, фарқият ва хусусиятҳои хосаи ин ҳуқуқҳо мушаххас гардонида мешуд. Барои он ки механизми таъмин ва амалигардонии ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон ва шаҳрванд метавонанд ба тариқи расмӣ, расмӣ-меъёрӣ, барномавӣ, доктриналӣ ва ташкилиро фарогир бошад.

2. Аз ҷониби диссертант хуб мешуд дар натиҷаи анҷоми таҳқиқоти диссертатсионӣ нисбат ба ташаккул ва рушди ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон даврабандиҳои муайянро пешниҳод менамуд. Зеро дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нисбати даврабандии ташаккул ва рушди ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ андешаи мушаххас дида намешавад.

Бо ин назардошт аз муаллиф пурсида мешавад, ки дар мавриди ҳимояи ошкорои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи мазкур равшанӣ андозад.

3. Дар диссертатсия муаллифи он ба таври васеъ сарчашмаи илмӣ, муқаррароти қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро мавриди истифода қарор додааст. Аммо дар даҳсолаи охир раванди муосири амалинамоии ҳадафҳои сиёсати давлати нақш ва мавқеи ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ ба монанди консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ низ бисёр меҳварӣ эътироф гардидааст. Бо ин назардошт мехостем мавқеи муаллифро доир ба нақш ва мавқеи ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ роҷеъ ба рушд додан ва таъмин намудани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд фаҳмида бошем.

Эродҳои болозикр, дар умум ҳангоми баҳодии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошад, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мурракаб ва баҳснок буда, муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаи ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ғояҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудаст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Мазмуни диссертатсия шаҳодат аз он медиҳад, ки бо пурраги кофи будани мазмуни баён, мазмуни баланд ва навгонии илмӣ доштани онро нишон медиҳад. Диссертант аз натиҷагириҳои илмӣ хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои ташаккул додани ғояҳои муосири илмии ватанӣ оид ба рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон саҳмгузорӣ намояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳода гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қодирзода М.А.

«07»06.______соли 2025.

Суроға: 735633, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ноҳияи Деваштич, Ҷамоати деҳоти Далёни Боло, деҳаи Далёни Поён
тел.: (+992) 921115990
E-mail: mirzokodir-1@mail.ru

Имзои Қодирзода Мирзоқодир Аюб–ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд,
микроноҳияи 17, бинои 1,
Тел:+992 (3422) 2-38-11;
Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru